Ҳеҷ яке аз шумо дар як либос намоз нагузорад, дар ҳоле ки бар ду китфаш чизе нест

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳеҷ яке аз шумо дар як либос намоз нагузорад, дар ҳоле ки бар ду китфаш чизе нест."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) касеро, ки бо як либос намоз мегузорад, аз он манъ кардааст, ки китфонашро пурра бараҳна кунад, яъне байни китф ва гарданро бепӯшиш гузорад ба тавре ки бар онҳо чизе набошад. Зеро гарчанде, ки ду китф аврат нестанд, пӯшондани онҳо ба пӯшондани аврат кумак мекунад ва ин ҳангоми истодан дар намоз ба эҳтиром ва бузургдории Аллоҳ Таъоло наздиктар аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/10639